**Ба Шурои диссертатсионии 6 D. КОА-024-и**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.-Душанбе, 2025.-123 с.**

Мавзуи интихобнамудаи муаллифи рисола хело мубрам буда, он ба яке аз масъалаҳои муҳим ва омӯхтанашудаи таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст. Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки Муродзода А.А. аз уҳдаи вазифа ва мақсадҳои дар назди худ гузошта пурра баромадааст. Бояд қайд намуд, ки то ҳол дар таърихнигории тоҷик мавзуи мавриди таҳқиқ аз ҷониби муҳаққиқон ба таври комил ҳаллу фасл нагардидааст, аз ин хотир аҳамияти илмии омӯзиши ин мавзуъ дучандон зиёд мегардад. Ҳангоми таҳқиқи ин мавзуъ муаллифи диссертатсия аз маъхазҳои зиёди дасти аввали асрҳои XIV-XV аз нуқтаи назари танқидӣ истифода намуда, бо далелҳои қавию раднопазир фикру ақидаҳои худро асоснок намудааст.

Аз таҳқиқоти Муродзода А.А. бармеояд, ки ҳарчанд таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон солҳои зиёде мавриди пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ қарор гирифта бошад ҳам, вале баррасиҳои таърихнигорӣ ё накди осори илмие, ки дар онҳо масоили ба ҳокимият расидани Темур дар Мовароуннаҳр, забткориҳои ӯ, ҳукумати ворисони Темур дар Мовароуннаҳру Хуросон ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV инъикос ёфтаанд, то кунун сурат напазируфтааст. Яке аз муваффақиятҳои диссертант дар таҳқиқи ин мавзуъ аз он иборат аст, ки ӯ тавонистааст таърихнигории таърихи ин давраро ба таври комилу

яклухт ва густурда мавриди таҳқиқ дода, ба бисёр паҳлӯҳои баҳсталаби ин давра равшанӣ андозад.

Аз мазмуни автореферат маълум мегардад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқи ин мавзуъ бори нахуст дар илми таърихнигории имрӯзаи тоҷик лашкаркашиҳои бераҳмонаи Темур ва Темуриён, хунхориву қатли ом, бунёди калламанораҳо ва вайрону валангор сохтани шаҳрҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Пас аз таҳлили сарчашмаву осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ муаллифи диссертатсия раванди лашкаркашиҳои Темурро ба Хуросон ба таври возеҳу равшан баён намуда, оқибатҳои лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба Мовароуннаҳру Хуросон ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор додааст ва исёну ошубҳои сокинони Мовароуннаҳру Хуросонро бар зидди Темур ва Темуриён баррасӣ намуда, вазъи кишоварзӣ ва илму фарҳанги ин давраро ба таври фарогир таҳлил намудааст.

Аз мазмуни автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки кор ба дараҷаи зарурии илмӣ-назариявӣ анҷом дода шуда, як пажуҳиши пурарзиш ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» кори ниҳоят муҳими илмӣ ба шумор рафта, он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои таърих, профессори
Кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Маликов М.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Ҳ. Шерозӣ, 8 хуҷраи 65
Тел.: 918955530
Имзои М.Ҳ. Маликовро тасдик мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи М. Турсунзода 30.
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
Телефон: (+992-37) 221-35-50;
E-mail: rts. rj

16.06.2025